## Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Ҷурабоева Ҳикоят Негматовна дар мавзӯи «Таъсири омилҳои экологию биологӣ ба тухмгузории модарзанбӯр ва маҳсулнокии оилаҳои занбӯриасал дар шароити ноҳияи Кушониёни вилояти Хатлон» ба шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 049 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур барои дарёфти унвони номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 06.02.10 - зоотехнияи хусусӣ, технологияи истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ.

Дар шароити ҳозира барои инкишофи соҳаи занбӯриасалпарварӣ муайян кардани таъсири омилҳои экологию биологӣ ба қобилияти тухмгӯзории модарзанбӯр ва маҳсулнокии оилаҳои занбӯри асал муҳим арзёби мегардад. Ҳалли чунин як масъалаи муҳим танҳо дар ҳолати дорои тахассусӣ зарури будани занбӯрпарвар, донистани биологияи оилаҳои занбӯри асал, чорабиниҳои агротехникӣ барои зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва ҳамчун гардолудкунандагони растаниҳои энтомофилӣ имкопазир мебошад.

Нововарии илмии таҳқиқотҳо дар он мебошад, ки бори аввал дар шароити ноҳияи Кушониёни вилояти Хатлон таъсири омилҳои экологию биологӣ ба тухмгӯзории модарзанбӯр ва маҳсулнокии оилаҳои занбӯри асал муайн карда шудааст.

Натиҷаҳои асосии илмии рисоларо дар таҳқиқотҳои зоотехникӣ, ветеринарӣ, физиологӣ инчунин барои баланд бардоштани маҳсулнокии соҳаи занбӯриасалпарварӣ ҳангоми нигоҳдорӣ дар шароитҳои муайяни экологӣ ва ҷуфткунонии байни зотӣ бо истифодаи хурокаҳои серғизо аз қабили афшурдаи кирминаи нарзанбӯр ва гарди гул истифода бурдан мумкин аст.

Натиҷаҳои таҳқиқотҳои илмии унвонҷӯ, ки дар автореферат овардааст кори илмии ба анҷом расида маҳсуб ёфта барои муайян кардани омилҳои асосии ба тухмгӯзории модарзанбӯр ва баланд бардоштани маҳсулнокии оилаҳои занбӯри асал таъсиркунанда аҳамияти муҳим дорад. Аз ин рӯ чунин

қайд кардан зарур аст, ки рисолаи илмии Ҷурабоева Ҳикоят Негматовна дар мавзӯи «Таъсири омилҳои экологию биологӣ ба тухмгузории модарзанбӯр ва маҳсулнокии оилаҳои занбӯри асал дар шароити ноҳияи Кушониёни вилояти Хатлон» ба талаботҳои Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 049 назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз тарафи ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №505 аз 26.11.2016 тасдиқ шудааст ҷавобгӯ буда, унвонҷӯ бошад, барои гирифтани унвони номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисосӣ 06.02.10 - зоотехнияи хусусӣ, технологии истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ сазовор мебошад.

Директори Институти
тибби ветеринарӣ, н.и.в. Атовуллозода Р.А.

Маълумот барои мукотиба:
ш. Душанбе, куч. А. Қаҳҳоров 43, Тел: (+992) 907804463
Email: rajabmurod69@mail.ru

30.12. с2021